**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи “Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология(6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ)**

Соҳаи кишоварзӣ, ки яке аз манбаъҳои асосӣ барои ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ, истеҳсоли ашёи хом барои корхонаҳои саноатӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳарчи бештар бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ маҳсуб меёбад. Дар Тоҷикистон зиёда аз 73 фисади аҳоли дар деҳоти зиндагӣ ва фаъолият мебаранд, ки имрӯз барои онҳо комплекси агросаноатӣ қисми ҳайётан муҳими таъминкунандаи шароити иқтисодию иҷтимои мебошад. Дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ангурпарварӣ яке аз зироатҳои самараноктарин барои парвариш ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, мукаммалгардонии равандҳои технологӣ ва техникии соҳаи мазкур ба пешбурди иқтисодёти кишвар хизмат мерасонад, алхусус дар шароити тағйирёбии иқлими кунунӣ.

Самти ояндадори соҳаи ангурпарварӣ ин танзимкунии равандҳои физиологӣ ва маҳсулнокии буттаи он буда, яке аз усули афзалтарин дар истеҳсолот ин истифодаи препаратҳои дорои танзимкунандгонаи сабзиш мебошад. Моҳияти истифодаи ин препаратҳо он аст, ки бо ёрии онҳо метавонем системаи донор-аксептории растаниро ба танзим даровარда, аппарати фотосинтетикиро пуриқтидор намоем ва тақсимоти раванди ҷараёни ассимилятҳоро ба узвҳои муҳим равона намоем.

Ҳангоми истифодабарии танзимкунандагони сабзиш дар буттаҳои ангур талаб карда мешавад, ки дар мӯҳлати кӯтоҳи агротехникӣ коркард карда шаванд, баръакси ҳол ин ба пастшавии ҳосили ангур оварда мерасонад. Таҷрибаҳо ва таҳқиқотҳо нишон доданд, ки технологияи пошдиҳии токзорҳо бо дорупошакҳои мавҷудбуда бениҳоят нуқсонҳои зиёд доранд. Бинобар ин, усулҳои нави технологияи парвариш истифодаи техника ва таҷҳизотҳои муосирро талаб менамояд, ки хароҷоти миқдори ками маҳлул ва маҳсулнокии баланди пошдиҳиро таъмин намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович маҳз дар асоси гуфтаҳои боло мақсад гузошт, ки сохтори таҷҳизот ба дорупошак ва технологияи пошдиҳии танзимкунандагони сабзишро бахри хуб намудани сифати коркард, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати он мукаммал гардонида, ба истеҳсолот пешкаш намояд.

Мавзуи кори диссертасионии докторант Масаидов Ҷ.Ғ. вобаста ба ҳадафи сеюм ва чоруми миллӣ - ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №658 аз 31.12.2008с.

самтҳои афзалиятноки илмӣ тадқиқотӣ ва рушди таъминоти илмии комплекси агросаноатӣ, инчунин ба "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) барои давраи то соли 2030" дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Душанбе, 2016), Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" (АМОҶТ с.2012., №4, мод. 272) пурра мувофиқ мебошад.

Дар раванди фаъолият корҳои илмӣ-амалӣ тадқиқотӣ довталаб худро ҳамчун мутахассиси баландихтисос, муҳаққиқи мақсаднок, мустақил, масъулиятшинос ва эҷодкор нишон дод. Хуб донистани воситаҳо ва асосҳои назариявии омӯзиш, майли ба низом даровардан ва ҷамъбаст намудани маводҳо дар сатҳи баланди илмӣ, дуруст иҷро намудани тафсири натиҷаҳо, эҷодкорӣ ва донишмандӣ имкон дод, ки диссертатсияро бо муваффақият ба анҷом расонад.

Бори аввал аз тарафи Масаидов Ҷ.Ғ. коструксияи таҷҳизоти дорупошӣ барои соҳаи токпарварӣ сохта мукаммал гардонида, параметрҳои геометрӣ ва кинематикии он муайян карда шуд. Инчунин, бори аввал истифодаи воситаи техникии сохта шуда, ҳангоми пошидани моеъҳои обӣ тавассути технологияи амсиласозии математикӣ ҳисоб карда аз ҷиҳати назариявӣ сарфи маҳлули корӣ, шумораи пошакҳо ва масоҳати пошиши онҳо вобаста аз андозаҳои кинематикӣ ва реҷаи кори таҷҳизот аниқ карда шуд. Таъсири танзимкунандаҳои сабзиш ва равандҳои техникӣ-технологӣ мукаммалкардашуда ба нишондиҳандаҳои агробиологии ангур ва самаранокии онро ҳисоб намуда варианти мусбӣ пешкаш карда шуд. Навгонии илмӣ бо 1 нахустпатент, ки дар токзорҳои баландтана бо тартиби пешниҳодшаванда гузаронида шудаст гирифта шуда, доир ба таҷҳизот ҷавоби мусбӣ аз Муассисаи давлатии Маркази миллии патентию иттилоотии ҶТ гирифта шудааст ва дар ҳолати барои ба даст овардани нахустпатент мебошад, инчунин дар 2 санад оиди ҷорӣ намудани натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар истеҳсолот тасдиқ карда мешавад.

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар дар диссертасия оварда шуда дар 17 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаву нашриҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар маҷаллаи байналмилалии тақризшавандаи СКОПУС ва 9 мақола дар конференсияҳои байналмиллаливу ҷумҳуриявӣ дарҷ гардидааст.

Корҳои нашршуда ва автореферет таркиби асосии диссертасияро иникос мекунад. Аз рӯи мазмун ва мундариҷаи илмӣ, услуби навиштани диссертасия ва автореферат диссертасияи докторант мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ" ба табъ расонида шудааст.

Аз ин лиҳоз, кори диссертатсионии Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзӯи “Мукаммалгардонии технологияи воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор” натиҷаи тадқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» банди 31 ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология сазовор мешуморам.

**Роҳбарӣ илмӣ:**
Дотсент, доктори илмҳои кишоварзӣ,
мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноати
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ
дар ш. Хуҷанд (ДПДТТХ), **Рашидов Н.Ҷ.**
**Тел. моб.:** +992 92 720 5057
**Почтаи эл.:** naimrashidov-tj@mail.ru

Имзои Н.Ҷ. Рашидовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати шуъбаи кадр,
коргузорӣ ва назорати они ДПДТТХ **Юсупова М.Ш.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226.

18/09/2024с.